Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-017 – и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, (734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С.Айнӣ 44)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Раҳмон Юсуф Азим дар мавзӯи «Такмили механизми идоракунии комплекси авиатсионӣ дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо)**

Тавре, ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ҳеҷ кишвар, аз ҷумла, кишварҳои дорои захираҳои ғании табиию меҳнатӣ бидуни кадрҳои баландихтисос ва бозори пуриқтидори дохилӣ, иштироки ҳамаҷониба дар муносибатҳои иқтисодиёти байналмилалӣ ва равандҳои ҳамгироии ҷаҳонӣ, самаранок рушд карда наметавонанд.

Ҳангоми интихоби стратегияи рушди иқтисодӣ омилҳои зиёд, ба монанди сатҳи рушди иқтисодиёт, соҳаҳои содиротӣ, содироти диверсификатсионӣ ва дараҷаи роҳандозӣ ба бозорҳои хориҷӣ ба назар гирифта мешаванд. Яке аз омилҳои муҳими инфрасохторӣ, ин комплекси нақлиётӣ мебошад, ки ҳамчун ҷузъи меҳварии низоми тақсимоти мол амал мекунад. Тамоюлҳои кунунии рушди иқтисоди ҷаҳонӣ дар шароити либерализатсияи муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ, эҳтимолияти афзоиши минбаъдаи аҳамияти омили нақлиётиро пешакӣ муайян мекунанд.

Комплекси авиатсионӣ дар ҳоли ҳозир барои фаъолияти бомуваффақияти иқтисоди ҷаҳонӣ, рушди минбаъдаи мутаносиби он ва нигоҳ доштани рушди устувори иқтисодӣ ниҳоят муҳим аст. Он имкон медиҳад, ки ҳаракати босуръати сайёри одамон ва молҳо байни қитъаҳои гуногун, ба рушди савдои ҷаҳонӣ ва саноати байналмилалии сайёҳӣ мусоидат намояд. Тақрибан 40,0% фурӯши маҳсулоти технологияи баланд аз низоми хуб ба роҳ мондашудаи комплекси авиатсионӣ вобаста аст. Бинобар он, масъалаҳои мукаммалгардонии механизмҳои идоракунии комплекси авиатсионӣ дар марҳилаи нави рушди мамлакат хеле мубрам мебошад. Вобаста ба ин, муаллифи диссертатсия ба таҳқиқи асосҳои консептуалӣ ва принсипҳои илмии идоракунии комплекси авиатсионӣ, моҳият, сохтор, хусусиятҳои асосӣ ва вазифаҳои ин комплекс дар шароити муосир таваҷҷуҳи ҷиддӣ додааст. Муҳимаш он аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии Раҳмон Юсуф Азим дар ростои амалисозии санадҳои барномавии рушд, пеш аз ҳама, дастуру супоришҳои дар Паёми

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23 декабри соли 2022 дарҷгардида, вазифагузориҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар самти комплекси авиатсионӣ ҷиҳати амалисозии яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар – раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, ҳалли мушкилоте, ки дар маҷмӯъ ба соҳаи нақлиёт, аз ҷумла, ба комплекси авиатсионии ҷумҳурӣ хосанд ва «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 - 2025» зикр шудаанд, ба иҷро расидааст.

Муаллиф ба маврид ва адолатона комплекси нақлиёти ҳавоии ҷумҳуриро ҳамчун унсури муҳиме баррасӣ намуда, таъкид кардааст, ки кори иловагиро ҷиҳати таҳияи шароити барои ҳамдигар қобили қабули дастрасии таъминкунандагон ба бозори маҳаллӣ, пайдоиши дурнамои нави бозор тақозо менамояд, ки он вазъи мавҷударо дар бозорҳои дохилӣ ва байналмилалӣ беҳтар мекунад. Ин дар навбати худ, барои ноил гардидан ба чунин ҳадафҳои стратегӣ, ба монанди: «ба кишвари транзитӣ табдил ёфтани Ҷумҳурии Тоҷикистон», «афзоиши содироти маҳсулоти ватанӣ», «мутобиқ намудани комплекси авиатсионӣ ба талаботи стандартҳои байналхалқӣ» ва «тезонидани рушди корхонаҳои саноатӣ» мусоидат мекунад» (саҳ.12). Вобаста ба ин, муаллиф марҳилаҳои ташаккулёбӣ ва ҳолати муосири идоракунии комплекси авиатсиониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода, консепсияи бунёдии низоми омодасозии кадрҳои комплекси авиатсиониро, ки дар ҷавҳари системаи идоракунӣ қарор мегиранд, пешниҳод намудааст.

Таваҷҷуҳи хосаро ба муҳимияти танзими давлатии фаъолияти авиатсионӣ, зерсистемаҳои комплекси авиатсионӣ – корхонаҳои таъминоти хӯроки дохили ҳавопаймо, фурудгоҳҳо, комплекси сӯзишворӣ бо назардошти эҳтимолияти бархӯрди манфиатҳои онҳо равона намудааст.

Дар автореферати тақризшаванда дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд:

1. Дар ин самт хуб мешуд, муаллиф тадқиқоти фарогири худро ба механизмҳои низоми танзими давлатии комплекси авиатсионӣ мебахшид.

2. Дар автореферат масъалаҳои таъминоти иттилоотии низоми идораву танзими комплекси авиатсионӣ мушоҳида нашуданд.

Камбудиҳои зикргардида моҳияти назариявӣ ва амалии диссертатсияи мазкурро кам намекунанд ва характери тавсиявӣ доранд.

Дар маҷмуъ, аз омӯзиш ва таҳлили автореферати мазкур бармеояд, ки кори диссертатсионии Раҳмон Юсуф Азимро дар мавзуи актуалӣ иҷро

карда шуда, ба ҳамаи талаботи Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нисбати диссертатсияҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси нишондодашуда сазовор мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Самандарзода И.Ҳ.

Суроғаи донишгоҳ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. Тел.+992935014316. E.mail: iskandar-s@mail.ru

Имзои д.и.и., профессор Самандарзода И.Ҳ. – ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳо Абдуҳалимзода Н.А.